## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-47-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9.Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)**

Диссертатсияи Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна ба масъалаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути истифодаи самараноки матнҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методии ташаккули тафаккури интиқодӣ, эҷодӣ ва касбии донишҷӯён, инчунин роҳҳои рушди салоҳиятҳои касбии онҳо дар раванди омӯзиши фанҳои забони англисӣ мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия бори аввал модели методии ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ таҳия гардида, шароитҳои педагогӣ, принсипҳо, усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои самараноки татбиқи он муайян шудаанд. Самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар ҷараёни таҷрибаю озмоиши педагогӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он бо далелҳои илмӣ асоснок гардидаанд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми таълими методикаи забони англисӣ, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаҳои магистрӣ, корҳои дипломӣ ва таҳқиқоти унвонҷӯён мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии сохторӣ ва

мантиқии дохилӣ мебошад. Хулосаҳо, натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3.5.9.Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мутобиқат менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертант дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, пурра мазмун ва муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди мақолаҳои нашршуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия истифодаи маводи дигар муаллифон бидуни ишора ба манбаъ ба назар намерасад, ки аз риоя гардидани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин дурнамои таҳқиқоти минбаъдаи масъала муайян гардидааст. Муҳокима, таҳлил ва натиҷагириҳои муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, хулосаҳои пешниҳодшуда бо далелҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд. Диссертатсия ва автореферати он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба расмиёти таҳияи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Бо дарназардошти мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» таҳқиқоти мустақили анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси

5.3.5.9.Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) барои ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи мазкурро баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд, ки он ба муҳокимаи шурои диссертатсионӣ қабул гардида, барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сулаймонова Нилуфар Сулаймоновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9.Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-47-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.9.Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
- **Орифзода Орзу Обидхуча -** номзади илмҳои педагогӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба

номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Рузиева Л.Т.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҷабов Т.Б.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Байдуллоев А.

«25» июня соли 2026

Имзоҳои Л.Т. Рузиева; Т.Б. Раҷабов; А. Байдуллоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.